# ТАҚРИЗ

ба автореферати Давлатбекзода Вайсиддин Давлатбек дар мавзуи "Шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста аз соҳа ва сатҳи таҳсилот) – 6D010101.01 - Назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ) пешниҳод шудааст

Таҳқиқоти диссертатсионии Давлатбекзода Вайсиддин Давлатбек дар мавзуи "Шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила" дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи диссертант дар масъалаи ҳамкории муассир байни волидон ва мураббиён на танҳо вохӯриҳои мунтазам ва мубодилаи иттилоот, балки иштироки фаъолонаи падару модаронро дар равандҳои таълимӣ дар назар дорад. Он метавонад тавассути лоиҳаҳои муштарак, идҳо ё фаъолиятҳои кушода зоҳир шавад, ки ба таҳкими робитаҳо ва фаҳмиши байни ҳамаи иштирокчиён мусоидат мекунанд. Ҳамин тавр, волидон худро дар раванди таълим ҳис мекунанд ва кӯдакон ягонагӣ ва дастгирии калонсолонро баръало мебинанд.

Ҳадаф аз андешаҳои дар боло ироашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Давлатбекзода Вайсиддин дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ мебошад. Довталаби дараҷаи илмӣ дуруст қайд мекунанд, ки усулҳои ҳамкориҳо бо падару модари тарбиятгирандаи синнусоли томактабӣ, ки тавассути илмҳои педагогӣ пешниҳод шудааст, хусусияти бонизомии фаъолияти мавҷуда ва равиянокии онро ба ҷаҳони ниҳоии таълиму тарбия - ташаккули ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдаки синни томактабӣ дар ҷанбаи иҷтимоию фарҳангии ҷомеа инъикос намекунад.

Ба таври кофӣ мавҷуд набудани меъёрҳои сифати ҳамкорӣ байни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва падару модарон низ дида мешавад, ки аз ҷониби унвонҷӯ дар сатҳи зарурӣ коркард, таҳия ва барои дифоъ пешниҳод шудааст, ки ин метавонад дар оянда заминаи беҳтаре барои ҳамкориҳои мутақобила бошад. Кори диссертатсионӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва ба таври мукаммал таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Дар баробари ин, Давлатбекзода Вайсиддин Давлатбек дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳқику таҳлили масъалаҳои муҳимеро вобаста ба мавзуи диссертатсия ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо ба қадри имкон дастёб гаштааст:

- дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда чанбаҳои асосии мусоидат ба идоракунии самараноки ҳамкории педагогӣ байни муассисаҳои томактабӣ ва оилаҳо ошкор карда шуданд. Махсусан, диққати асосӣ ба маънои муносибати инфиродӣ ба ҳар як оила дода мешавад, ки имкон медиҳад ниёзҳо ва имкониятҳои беназири ҳам кӯдакон ва ҳам волидони онҳо ба назар гирифта шаванд;

- тавсияҳо оид ба ташкили чорабиниҳо ва ҳамкориҳои муштарак таҳия шудаанд, ки ба таҳкими муносибатҳои боэътимод ва ҷалби волидон ба раванди таълим мусоидат мекунанд;

- санҷиши озмоишии амсилаи таҳияшудаи ҳамкории педагогӣ гузаронида шуд, ки ба тасдиқи арзиши амалӣ ва самаранокии он имкон дод;

- таҳқиқот на танҳо заминаи назариявиро ғанӣ гардонд, балки имкон дод, ки тавсияҳои мушаххас барои мураббиён ҷиҳати беҳтар кардани сифати ҳамкорӣ бо оилаҳо ва фароҳам овардани муҳити мусоиду созгори таълимӣ барои кӯдакон таҳия карда шаванд;

- натиҷаҳои таҳқиқот барои таҳаввулоти минбаъда дар соҳаи идоракунии сифати ҳамкории педагогӣ замина мегузоранд, ки дар шароити ҷомеаи муосир, ки нақши волидон дар тарбия ва таълими кӯдакон торафт пурмазмунтар мегардад, муҳим аст.

Автореферат мувофиқи талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва муттасилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, автореферат аз баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба монанди ғалатҳои техникиву имлоӣ орӣ нест, ки бартараф кардани он ба манфиати кор аст.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки ин камбудиҳо арзиши илмиву амалии кори илмиро коста намекунанд ва таҳқиқоти ба итмомрасидаи илмӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Аз ин рӯ, бо боварии том метавон таҳқиқоти илмии Давлатбекзода Вайсиддин Давлатбекро кори анҷомёфта ва дорои арзиши илмию назариявӣ ва амалӣ ҳисобид.

Дар умум, кори таҳқиқотии Давлатбекзода Вайсиддин Давлатбек дар мавзуи "Шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста аз соҳа ва сатҳи таҳсилот) – 6D010101.01 - Назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ) ба талаботи Низомнома оид ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста аз соҳа ва сатҳи таҳсилот) – 6D010101.01 - Назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
муовини сардори раёсати таҳсилоти
томактабии Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон Қ. Муҳиддинзода

05.02.2025

**Маълумот барои тамос:**
734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад, 13а; Телефон: 933.33.22.01; Почтаи электронӣ: kutbiddin-@mail.ru

Имзои Қ. Муҳиддинзодаро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Саъдуллозода